# Тақриз

**Ба автореферати Салямова Дилафруз Нарзимуродовна, дар мавзуӣ «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия)**

Мавзуи тадқиқотии Салямова Д., яке аз масъалаҳои муҳими илми педагогӣ бахшида шудааст. Зеро масъалаи ислоҳ намудани нуқсони нутқ аз таҳсилоти томактабӣ оғоз меёбад. Дар автореферат сабабҳои пайдоиши лакнати забон, асоснок кардан ва ҷорӣ намудани усулҳои бартараф намудани онҳо дар кори логопедӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мубрамияти дарки зарурияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки маҳз нуқсони нутқӣ боиси зуҳури мушкилот дар ифодаи сухан, баёни равшании фикр, барқарории муоширати баробар бо дигарон мегардад, ки дар ниҳоят камолоти инсонро халалдор месозад.

Байни бандҳои навоварии автореферат, арзиши методолигию амалии он боварибахш баён гардида, ҷанбаҳои зеринро қайд намудааст:

- роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди бозии логопедӣ бо воситаи технологияи бозиро муайян кардан;

- дар асоси усулҳои нави объективии таҳқиқоти инструменталӣ хусусиятҳои умумӣ ва фардии тавсифномаи темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабонро коркард намудан;

- бо воситаи технологияи бозӣ роҳҳои ислоҳи нуқсони лакнатзабониро муайян ва асоснок намудан;

- маълумотҳои нави сифатӣ ва миқдории таҷрибавӣ ба даст овардан, ки хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон, таъсири мутақобила ва динамикаи ҷузъҳои гуногуни просодикӣ,

инчунин, алоқаи онҳоро бо дигар аломатҳои лакнатзабонӣ бо технологияи бозӣ тавсиф менамояд;

- самт, мазмун, усул ва шартҳои таъсири дифференсиалии комплексии ислоҳии логопедӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва фардӣ темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон бо технологияи бозӣ асоснок шуда, самаранокии онро исбот намудан.

Автореферат аз ду боб иборат буда, дар шаш зербоб таҳлили масъалаҳои мубрами мавзӯъи илмӣ амалӣ шудааст. Аз ҷумла дар боби аввал муҳаққиқ оид ба масъалаҳои "Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва ислоҳи нутқи кӯдакони лакнатзабон" таҳлил карда шудаанд. Аз ҷумла дар боби аввал муҳаққиқ оид ба ислоҳи нуқсони нутқи лакнатзабонӣ, саҳми олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар ин самт ва ғайра муфассал маълумоти таҳлилӣ пешниҳод намудааст. Ин таҳлилҳои фан аҳамияти назариявӣ ва фанни амалиро доро мебошанд.

Боби аввали мавзӯи илмӣ дар мавзӯи "Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва ислоҳи нутқи кӯдакони лакнатзабон" муълумотҳо пешниҳод шудааст. Забон яке аз бузургтарин дастовардҳои башарӣ аст ва шояд аҳамияти он беш аз тамоми ихтироот бошад.

Дар боби дуюми а аслан натиҷаҳои корҳои озмоиши аз ҷониби муаллиф татбиқшударо таҳлил намудааст. Ин таҳлилҳои таҷрибаҳои муайянро дар ин самт бо ҳамдигар муқоиса намуда, дар заминаи онҳо таклифҳои методиро барои мусоидат ба ҳалли масъалаҳои ҷойдошта пешниҳод мекунад.

Лозим ба таъкид аст, ки дар автореферат ақидаи муаллиф муфассал ҷамъбаст карда шудааст. Дар автореферат эрод надорам.

Реферат рисолаи диссертатсия асари илмию тахассусӣ буда, ҳалли як масъалаи мубрами барои илм ва амалияи педагогӣ муҳимро дар бар мегирад. Диссертация ба меъёрҳо мувофиқ аст «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-ро Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаллифи он Салямова Дилафруз

Нарзимуродовна аз рӯи ихтисоси 13.00.03 - педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

Муқарриз номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи педагогикаи Донишғоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмов А.Ҷ.

Имзои дотсент А.Ҷ Қаюмовро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси ДБХЗТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

**Маълумот барои тамос: Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj